آواز تاجیک

*Рӯзнома аз соли 1924 чоп мешавад*

Номҳои пешинаи рӯзнома «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (соли 1924-1931), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ӯзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1964-1991)

*Бани одам аъзои якдигаранд!*

# Овози тоҷик

23 сентябри соли 2023 Шанбе

№ 76 (14983)

e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru

# МАСЪАЛАҲОИ БЕҲТАР ГАРДОНДАНИ ТАЪМИНОТИ ОБИ НӮШОКӢ БАРРАСӢ ШУДАНД

**Президент Шавкат Мирзиёев 22 сентябр оид ба масъалаҳои таъмини аҳолӣ бо оби хушсифати нӯшокӣ ҷамъомад баргузор намуд.**

Дар мамлакати мо, аз ҷумла дар минтақаҳо барномаҳои зиёди иҷтимоӣ татбиқ мегарданд, ки ба таҳкими сиҳатӣ ва баланд бардоштани сифати зиндагии аҳолӣ нигаронда шудаанд. Аз ҷумла, дар шаш соли охир аз буҷаи давлат ба соҳаи таъминоти оби нӯшокӣ 14 триллиону 500 миллиард сӯм ҷудо шудааст, ки назар ба пештара шаш баробар зиёд мебошад. Ба 31 ҳазор километр шабакаи таъминоти оби нӯшокӣ ва канализатсия гузаронда, 1,2 ҳазор иншооти таъминоти об сохта ва таъмир карда шуд. Дар натиҷа бори аввал ба хонадони 6,5 миллион нафар аҳолии ҳазор маҳалла оби тозаи нӯшокӣ омад.

Дар баробари ин бояд таъминоти оби нӯшокӣ дар 30 ноҳия ва 1,4 ҳазор маҳалла беҳтар карда шавад. Барои онҳо бояд манбаъҳои оби тозаро пайдо кард.

Дар бисёр мавридҳо об беҳуда истифода шуда, ҳисобу китоби истеъмоли он мавҷуд намебошад. Баъзе насосҳо, техникаи махсуси корхонаҳои соҳа ба навсозӣ эҳтиёҷ доранд.

Ин ва дигар мушкилот имрӯз дар рафти ҷамъомад, ки дар рӯҳи танқидӣ гузашт, мавриди муҳокима қарор гирифта, чораҳои зарурӣ муайян шуданд.

Дар назди ҷамъияти саҳҳомии «Ӯзсувтаъминот» вазифаи то охири соли ҷорӣ бунёд ва таъмир кардани 12 ҳазор километр шабака ва 1,3 ҳазор иншооти обтаъминкунӣ гузошта шуд. Ба туфайли ин 1 миллиону 100 ҳазор сокинони 145 маҳалла бори нахуст ба оби нӯшокии мутамарказ дастрасӣ пайдо намуда, дар 2 ҳазор маҳалла таъминоти об беҳтар мегардад.

Ба ҳокимони вилоятҳо супориш дода шуд, ки якҷоя бо депутатҳои халқӣ барномаи таъминоти обро барои соли оянда таҳия намуда, ба ҳукумат тақдим созанд. Зарурати диққати махсус додан ба 30 ноҳияи сатҳи таъминоти обашон паст қайд гардид.

Татбиқи чунин лоиҳаҳо аз қабили беҳтар гардондани таъминоти об дар ноҳияи Қӯшработ, таҷдиди низоми шабакаи обгузар дар шаҳрҳои Бухоро ва Ҷиззах, канализатсия дар шаҳрҳои Гулистон, Янгиер ва Ширин баррасӣ шуд.

Кор оид ба оптимизатсияи хароҷот дар Бухоро намунавӣ номида шуд. Ҳамин тариқ ҳангоми татбиқи лоиҳаи таҷдиди низоми шабакаи обтозакунӣ ва канализатсияи шаҳри Бухоро, ки 281 миллион доллар арзиш дорад, 75 миллион доллар сарфа карда шуд. Ба ин маблағ боз 1150 километр қубури об ва 117 километр шабакаи канализатсия сохтан мумкин аст.

Аҳамияти оптимизатсия кардани хароҷот дар дигар лоиҳаҳо, ба беҳдошти низоми таъминоти об ва канализатсия дар ноҳияҳое, ки лоиҳаҳо татбиқ мегарданд, равона намудани маблағҳои сарфашуда зикр гардид.

Ба шахсони масъули соҳа ва ҳокимони ноҳияҳо оид ба ҷанбаҳои техникиву иқтисодии 24 лоиҳаи пешомаднок супоришҳо дода шуданд.

Инчунин оиди ба аналогҳои каммасраф иваз кардани насосҳо ва аз ҷиҳати молиявӣ барқарор гардондани корхонаҳои соҳа чораҳо муайян шуданд.

**ЎзА.**

# ПРЕЗИДЕНТИ ЎЗБЕКИСТОН БО ПРЕЗИДЕНТИ ТУРКМАНИСТОН МУЛОҚОТИ ТЕЛЕФОНӢ АНҶОМ ДОД

***22 сентябр байни Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев ва Президенти Туркманистон Сердар Бердимуҳамедов мулоқоти телефонӣ ба амал омад.***

Сарвари давлатамон Президенти Туркманистонро бо зодрӯзаш самимона табрик гуфта, ба ӯ комёбиҳои бузург, ба халқи бародари туркман беҳбудӣ ва шукуфоӣ таманно намуд.

Масъалаҳои кунунии рӯзномаи дуҷониба ва ҳамкориҳои минтақавӣ баррасӣ шуданд.

Рушди муколамаи созандаи сиёсӣ ва робитаҳои судманди байниидоравӣ бо қаноатмандӣ қайд гардид. Ҳаҷми муомилоти моли мутақобила афзоиш ёфта, лоиҳаи ташкили минтақаи сарҳадии «Хоразм-Тошовуз» якҷоя амалӣ мешавад. Кооператсия дар соҳаи энергетика ва нақлиёт амиқтар мегардад. Моҳи октябр дар кишварамон Рӯзҳои фарҳанги Туркманистон баргузор мегардад.

Президентҳои Ӯзбекистон ва Туркманистон ҳамчунин оид ба масъалаҳои густариши ҳамкориҳои мутақобилан судманд дар Осиёи Марказӣ, аз ҷумла дар чаҳорчӯби форматҳои мавҷудаи бисёрҷониба табодули афкор намуданд.

Дар анҷоми суҳбати телефонӣ Сарвари давлатамон Президент ва мардуми Туркманистонро бо Рӯзи истиқлолияти дарпешистода самимона табрик гуфт.

**ЎзА.**

# НИЯТҲОИ НЕКИ САРМОЯДОРОНИ ҶОПОНӢ

***Ҳайати баландпояву бонуфузи иборат аз сармоядорони номвари кишвари Ҷопон ба вилояти Қашқадарё ташриф овард.***

Меҳмонон бо ҳамроҳии котиби аввали сафоратхонаи Ҷопон дар Ӯзбекистон ҷаноб Синтаро Кавасима ба Қашқадарё омада, бо салоҳияти иқтисодии ин минтақа шинос гардиданд. Онҳо нахуст бо ҳокими вилоят Муротҷон Азимов дидору мулоқот намуданд.

М. Азимов дар хусуси пешрафти иқтисодии қаламрав маълумоти муфассал дод ва гуфт, ки дар пайи роҳандозӣ шудани ислоҳоти иқтисодиву иҷтимоии ҳукумат симои Қашқадарё куллан тағйир ёфтааст ва барои сармоягузорӣ як қаламрави диққатҷалбкунанда гаштааст.

Дар ҳайати сармоядорони ҷопонӣ намояндагони коргоҳҳои бонуфузи ин кишвари пешрафтаи ҷаҳон ба монанди «Jetro», «Itochu Corporation», «Sumitomo Corporation», «Marubeni Corporation», «Toyota Tsusho Corporation», «Iryu & Itoga» ва «Jogmec» шомил буданд. Онҳо ҳамчунин ба фаъолияти коргоҳҳои масъулияташ маҳдуди «Маҷмӯи Шӯртангазкимиё» ва «Uzbekistan GTL» шинос гардиданд.

Сармоядорони ҷопонӣ тасмим гирифтанд, ки дар соҳаҳои савдо, нақлиёт, энергетика, электротехника, геологияву кимиё, туризм ва коркарди меваю сабзавот ҳамкориҳои муфидеро ба роҳ монанд. Ҷонибҳо дар робита бо амалӣ сохтани тарҳҳои нав, ки аз манфиат холӣ нест, қарордодҳои муҳим ба имзо расониданд.

Меҳмонон ҷойҳои таърихии вилоят, аз ҷумла меъмориҳои таърихии Шаҳрисабзро тамошо карда, ба имконоти ҷаҳонгардии Қашқадарё баҳои баланд доданд.

**Шариф ХАЛИЛ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Қашқадарё.**

***Алҳол рушди иқтисодиро наметавон бидуни фаъолияти соҳибкорӣ тасаввур кард. Ҳама аз соҳибони оила то тоҷирони калон дар рушди иқтисодии мамлакат, ба роҳ мондани истеҳсолот, хидматрасонӣ, содирот дар ин ё он самт саҳми худро мегузоранд. Бинобар ҳамин ҳам ба намояндагони соҳаи тиҷорат шароити зарурӣ ва имкониятҳо барои фаъолияти озод пешниҳод мегардад.***

# НУҚТАИ РУШДИ ТИҶОРАТ, Ё ХУД ПЕШРАФТИ ОНРО ЧӢ ГУНА МЕТАВОН ТЕЗОНИД

Давроне буд, ки ба тадбиркорон чун ба шахсоне, ки ҳаракати ғайриқонунӣ содир кардаанд, аз пардохти андоз сар тофтаанд, назар медӯхтанд. Давроне буд, ки намояндагони доираҳои корчаллон ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул будани худро пинҳон медоштанд.

Муболиға намешавад, агар гӯем, ки дар Ӯзбекистони Нав муҳити воқеии тиҷорат ва нуфузи соҳибкори ҳақиқӣ ташаккул ёфт. Зеро ҳоли ҳозир соҳибкорӣ ин муҳаррики иқтисодиёт буда, вакилони соҳа қаҳрамонони замони худ гардиданд. Кор бобати куллан беҳ сохтани муҳити тиҷоратӣ аз байн бардоштани монеаҳои бюрократӣ, рушди тадбиркорӣ, ҳамаҷониба дастгирӣ намудани намояндагони тиҷорат, таъмин сохтани шуғл дар муҳлати кӯтоҳ натиҷаҳои худро доданд. Аз ҷумла, мувофиқи қонун, фармон ва қарорҳое, ки дар соҳа қабул гардиданд, тадбирҳои расмикунонии иҷозатномаҳо содатар, муҳлати онҳо кӯтоҳтар карда шуданд.

Ба санҷишҳои аз ҳад зиёд ва маҳдудиятҳои бисёр барои пули нақд, асъор ва мол хотима гузошта шуд. Дар натиҷа миқдори шаҳрвандоне, ки дар мамлакат мехоҳанд соҳибкор бошанд, меафзоянд. Баробари рушди соҳа сол аз сол шаҳрвандоне зиёд мегарданд, ки ҷанбаҳои мухталифи онро бо суръати баланд аз худ менамоянд. Ҳатто дар як маҳалла ҳоло якчанд соҳибкор амал менамоянд. Аз ин он санад шаҳодат медиҳад, ки танҳо соли сипаришуда дар ҷумҳурӣ миқдори корхонаҳои кучак ба 40 ҳазор афзуд, корхонаҳои миёна 2 ҳазор адад зиёд шуда, ба 10 ҳазор расид.

Баробари ин ҳанӯз камбудӣ ва душвориҳои муайяне ҷой доранд. Соҳаи тадбиркорӣ самти бузург аст, аз ин рӯ, мушкилот низ ба миён меоянд.

Мулоқоти ошкорои роҳбари давлат бо намояндагони доираҳои корчаллон, ки тӯли се соли охир ҳар сол гузаронида мешавад, анъанавӣ гардид, он барои ҳаллу фасли масъалаҳои бамиёномада такони бузург мебахшад.

Президенти мамлакат дар доираи мулоқоти ошкоро ҳар сол як қатор ташаббусҳои навро, ки ба ҷиҳатҳои зикршуда тааллуқ доранд, пеш мегузорад. Аз ҷумла, соли 2021-ум дар мулоқоти ошкоро 57 ташаббус, соли 2022-юм бошад, 55 ташаббус пеш гузошта шуда буданд. Дар натиҷа барои пешбурди тиҷорат имтиёз ва сабукиҳои муайяне пешниҳод мегарданд. Чунончи, дар пояи таклифҳои соли гузаштаина субъектҳои хоҷагидорӣ ба табақаҳои кучак, хурд, миёна ва бузург тақсим гардида, бо онҳо корҳои дахлдор ба роҳ монда шуданд. Муҳлати бозгардонии андоз ба арзиши иловагӣ кутоҳ гардид ва дар натиҷа соли гузашта ба шаш ҳазор корхона 20 триллион сӯм бозгардонда шуд.

Соли равон мо шоҳиди вохӯрии навбатии сарвари давлат бо соҳибкорон дар шакли мулоқоти ошкоро гардидем, ки он эътимод, ҷасорат ва рағбати иштирокдоронро зиёд намуд. Хурсандиовар аст, ки сафи вакилони соҳаи тиҷорат меафзояд. Аксарияти онҳо низ дар ҷараёни дохил кардани таклифҳое, ки мувофиқи таҳлили соли 2023-юм ҳадди аксар ба баррасии муаммои шахсӣ не, тавре ки дар давраи гузашта буд, балки ба мушкилоти соҳа нигаронида шудаанд, фаъолона иштирок карданд.

Минбаъд барои дастгирии соҳибкороне, ки мехоҳанд аз тиҷорати хурд ба тиҷорати миёна гузаранд, муносибати нав ҷорӣ мегардад. Ҳам фаъолияти бунёдҳои мавҷуда бинобар дастгирии тиҷорат ва ҳам тарзи кори онҳо куллан тағйир ёфт. Ғайр аз ин, низоми ипотекаи саноатӣ таъсис дода шуд: барои соҳибкорон бунёд кардани майдони истеҳсолӣ дар шакли тиҷорати тайёр ба нақша гирифта шудааст. Барои ин дар ҳар кадом воҳа ташкил намудани на камтар аз се минтақаи саноатӣ пешбинӣ мегардад, ки дар ҳудуди онҳо иншооти истеҳсолӣ сохта, ба хусусикунонии қитъаи заминҳо пас аз иҷрои ӯҳдадориҳои сармоявӣ рухсат дода мешавад. Ба шарофати пурра татбиқ намудани таклиф ва ташаббусҳои ҳаммонанд сафи соҳибкорон беш аз пеш зиёд мегардад.

Ташаббус ва суханони роҳбари давлат ба дастгирии ҷомеаи тиҷоратии ватанӣ бо мақсади ба мардуми ҷӯёву кушо табдил додани намояндагони он нигаронида шудаанд.

Суханони Президент: «Тадбиркорон ҳамеша дар мамлакат нируи бузург буданд. Мо дар Ӯзбекистон барои рушди иқтисодиёт, ташкил намудани ҷойҳои корӣ, коҳиш додани нодорӣ ва ободонии маҳаллаҳо чораҳои зарурӣ меандешем. Ба ин кӣ саҳми бузург гузошта метавонад? Соҳибкорон! Ҳар кадоми шумо қаҳрамонед. Мо бо шумо ифтихор мекунем», умед ва эътимодро ба фардо беш аз пеш мустаҳкам карданд.

Мулоқоти ошкоро, ки дар мамлакат бори сеюм гузаронида шуд, барои намояндагони тиҷорати хурд, соҳибкорони хусусӣ имконияти хубест баҳри вусъат ва инкишоф додани фаъолияташон. Ин имконият эҳсоси дахлдории онҳоро ба рушди муттасили давлат зиёд мекунад, барои кори софдилона ва эътимод ба неруи худ ва худ асос мегардад.

**Қаҳрамон ЭРГАШЕВ,**
**депутати Палатаи қонунгузории Олий Маҷлиси Ҷумҳурии Ӯзбекистон.**

# ҚӮҚАНДИ ЛАТИФ – МИЗБОНИ ҶАШНВОРАИ ДУЮМИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ҲУНАРМАНДӢ

***21-23 сентябри соли равон дар шаҳри Қӯқанд Ҷашнвораи дуюми байналмилалии ҳунармандӣ баргузор гардид. Дар рӯзи аввали ҷашнвора кӯчаи «Туркистон»-и шаҳр аз одам лабрез буд. Меҳмонон аз 70 мамлакати дунё, ки теъдодашон 260 нафар муаррифӣ шуд, якҷо бо намояндагони Ҷумҳурии Қароқалпоқистон, шаҳри Тошканд ва соири вилоятҳои ҷумҳурӣ то назди дарвозаи Ӯрдаи Худоёрхон дар раҳпаймоии умумӣ ширкат карданд. Ҳар як гурӯҳ зери садои дафу доира то интиҳои раҳпаймоӣ ҳунари худро нишон медод ва завқу сурур ба по хеста, таваҷҷуҳи мардуми ду самти роҳро ба худ ҷалб мекард.***



Ин раванд дар саҳни Маркази матбуоти Ҷашнвораи байналмилалии ҳунармандӣ бахшида бо роҳандозии маросими ифтитоҳи Осорхонаи ҳунармандӣ идома пайдо кард. Дар он ҳокими вилоят Хайрулло Бозоров, Раиси Шӯрои ҷаҳонии ҳунармандон Саад Ал Қаддуми, роҳбари Департаменти рушди иҷтимоии Маъмурияти Президент Одил Абдураҳмонов, раиси Иттиҳодияи ҷумҳуриявии ҳунарманд Улуғбек Абдуллоев, ҳокими шаҳри Қӯқанд Маъруфҷон Усмонов ширкат варзиданд.

Табрики Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёевро ба иштирокдорони ҷашнвораи байналмилалӣ роҳбари Департаменти рушди иҷтимоии Маъмурияти Президент Одил Абдураҳмонов хонда дод.

Ёдовар мешавем, ки ин ҷашнвора дар шаҳри Қӯқанд дар асоси Қарори Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон «Дар бораи баргузории Ҷашнвораи байналмилалии ҳунармандӣ» аз 1 ноябри соли 2018 баргузор гардид. Бояд гуфт, ки дар соли 2019 дар нахустин Ҷашнвораи байналмилалии ҳунарҳои мардумӣ 570 нафар аз 78 кишвари ҷаҳон ва 1 ҳазору 200 нафар ҳунарманди маҳаллӣ аз ҳамаи вилоятҳои кишвар ширкат варзида буданд.

Дарвоқеъ, ифтитоҳи осорхона дар фазои мутантан ва басо пуршукӯҳ бесабаб набуд, зеро Қӯқанди латиф «Шаҳри ҳунармандони ҷаҳон» эълон шудааст ва дар масири таърих алломаҳои бузурги илму фарҳангро ба дунё овардааст. Баъди маросими лентабурӣ ин осорхона расман дари худро ба рӯи тамошобинон боз намуд.

Дар идома бо ширкати ҳокими вилоят, раиси Шӯрои ҷаҳонии ҳунармандон ва дигар шахсони расмӣ, олимон, адибону аҳли фарҳанг, ҷавонон ва амсоли онҳо дар толори Театри драмаи мусиқии шаҳри Қӯқанд таҳти унвони «Таҷрибаи ҷаҳонӣ дар соҳаи ҳифз ва рушди ҳунармандии анъанавии бадеӣ» конфронси илмию амалӣ баргузор гардид. Дар шурӯи конфронс маросими муаррифии китоби «Ҳунармандии Ӯзбекистон»-и олим ва санъатшиноси маъруф Акбар Ҳакимов сурат гирифт.

Дар конфронс ҳокими вилоят Хайрулло Бозоров суханронӣ карда, таъкид намуд, ки дар доираи ислоҳоти бузурге, ки аз ҷониби Президенти мамлакатамон Шавкат Мирзиёев дар кишварамон амалӣ мешавад, ба рушди соҳаи ҳунармандӣ, ки рамзи таъриху худшиносии миллии мост, инчунин дорои анъанаҳои қадимӣ ва бой мебошад, таваҷҷуҳи хоса зоҳир мегардад.

Дар натиҷаи рушди ҳунарҳои миллӣ, ҳунарҳои мардумӣ ва амалӣ, ҳифзи мероси ғании фарҳангӣ ва анъанаҳои таърихии халқамон, ба ин васила барои аҳолии бекор, бахусус ҷавонону занон, имкониятҳои васеъ фароҳам оварда мешаванд, то ки онҳо ба ҳунарҳои мардумӣ машғул шаванд. Ҷашнвораи дуюми байналмилалии ҳунарҳои мардумӣ, ки ҳунармандони бомаҳорат ва маъруфи ҷаҳонро гирди ҳам овардааст, боз як мисоли таваҷҷуҳи баланд ба ин соҳа дар кишвари мост.

Шоми 22 сентябр маросими кушоиши ҷашнвора баргузор гардид, ки дар он устодони санъат барномаи консертиро намоиш доданд.

Ҳамчунин, дар баробари Ҷашнвораи дувуми байналмилалии ҳунармандӣ дар ноҳияи Риштон ҳамоиши байналмилалии кулолгарӣ баргузор гардид. Ноҳияи Риштони вилояти Фарғона аз қадимулайём маркази кулолгарӣ дар Осиёи Марказӣ мебошад.

Аз таърих маълум аст, ки аллакай дар асрҳои миёна дар Риштон, ки дар чорроҳаи роҳҳои корвонӣ ва Роҳи бузурги абрешим воқеъ гаштааст, ҳунари кулолгарӣ босуръат рушд карда, ба истгоҳи асосии Роҳи бузурги абрешим ва маркази тиҷорат табдил ёфтааст. Кулолгарон усули коркарди чиниро аз Қошғар ва Эрон овардаанд. Маҳсулот ва миниатюраҳои Риштон дар байни устодони санъати ҷаҳон шуҳрати калон пайдо кардаанд. Ин аст, ки ин осори санъат, ки ба намунаҳои кулолии ҳеҷ як минтақа шабоҳат надоранд, дар намоишгоҳҳо ва ярмаркаҳои байналмилалӣ дар кишварҳои ИМА, Британияи Кабир, Фаронса, Лаҳистон, Шветсия, Ироқ, Эрон, Миср ва мамолики дигар ба намоиш гузошта мешаванд ва аз тарафи аҳли ҷомеаи ҷаҳонӣ эътироф гардидаанд.

Дар майдони васеи Ӯрдаи Худоёрхон ҳунармандон растаҳои ҳунармандии худро ташкил карда, маҳсулоти саноеи дастиашонро ба маърази тамошову харидорон гузоштанд.

(Давомаш дар саҳ.2). ⇨

**Дар намоишгоҳ**

***Узви шӯрои Академияи бадеии Ӯзбекистон, фотограф Борис Недосеков намоишгоҳи шахсии худро ба ҳукми тамошобинон ҳавола намуд.***

# «БАЧАИ ҲАЗОРСОЛА»

Дар он табиат ва манзараҳои Исроил, ёдгориҳои меъморӣ, шаҳр ва биноҳои замонавӣ, тарзи зиндагии мардуми онро муаллиф моҳирона ба тасвир кашидааст. Муаллиф доир ба «Бачаи ҳазорсола» ном гирифтани намоишгоҳи худ чунин мегӯяд: »Соли 1948 Исроил мақоми давлатиро гирифт, яъне чун кӯдаки навроҳгард қадами аввалинро гузошт. Аммо, дар асл, ин замин ва мардуми ин кишвар соҳиби таърихи бойи ҳазорсолаҳо мебошад. Ибораи «Бачаи ҳазорсола», яъне давлати куҳан ва навро ифода мекунад. Лавҳаҳои ин намоишгоҳ аксҳои саёҳати ман ба ин давлат буда, бо фотоаппарати худ баъзе ҷойҳои ба диққат сазовори ин шаҳри куҳанро аккосӣ намудам».

Муаллиф соли 1974 ба дунё омадааст. Касби муҳандиси радиоалоқа, гуфторҳои радио ва телевизионро интихоб намудааст. Солҳои тӯлонӣ дар телевидение фаъолият бурд, аз ин боис дар ӯ ба фотография шавқи зиёд пайдо шуд. Корҳои эҷодии ӯ дар матбуот ва интернет рӯйи чопро диданд. Соли 2012 «Паррандаҳои Ӯзбекистон» ном китоб-фотоалбоми ӯ чоп шудааст. Дар экспозитсия «Кӯчаи беҳтарини Исроил», «Хонаи оддӣ», «Бахт – тарзи ҳаёти солим», «Кӯдакон бо падару модар», «Хонаи шаҳри порсӣ», «Худатро шинос», «Хонаи куҳнаи Тел-Авив»,»Қабристони яҳудиён дар пастҳамиҳои кӯҳи Зайтун» барин фотолавҳаҳои муаллиф ҷой гирифтаанд ва бешак, диққати тамошобинро ба худ ҷалб месозанд.

**Ҳ. АБДУНАЗАРОВ.**

# ҚӮҚАНДИ ЛАТИФ – МИЗБОНИ ҶАШНВОРАИ ДУЮМИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ҲУНАРМАНДӢ

(Аввалаш дар саҳ.1).

Дар доираи Ҷашнвораи дуюми ҳунармандии Қӯқанд як қатор чорабиниҳо, мисли намоиш ва фурӯши маҳсулоти ҳунармандони ватаниву хориҷӣ, конфронсҳои матбуотӣ оид ба дастовардҳои соҳаи ҳунармандӣ ва натиҷаҳои ҷашнвора, бо иштироки ҳунармандон-дизайнерҳои байналмилалӣ ва Ӯзбекистон гузаронидани дарсҳои маҳорат, намоишҳои мӯд, ярмаркаҳои мардумӣ, театрҳои лӯхтак, консерти дастаҳои фолклории вилоятҳо ва шӯъбаҳои фарҳанг, озмун дар байни ошпазҳо ва сайри ҷойҳои фарҳангию фароғатӣ низ чи дар меҳмонон ва чи дар иштирокчиёни он таассуроти хуб боқӣ гузошт.

Гуфта мешавад, бар асоси низомномаи Ҷашнвораи байналмилалии ҳунарҳо, дар чаҳорчӯби ин ҷашнвора озмуни ҳунармандони дохиливу хориҷӣ баргузор шуда, маҳорати ҳунармандони ширкатдори ин озмунро ҳакамони байналмилалии иборат аз 7 нафар арзёбӣ мекунанд. Ба ҳайати байналмилалӣ мутахассисони баландихтисос, арбобони маъруфи санъат ва фарҳанг, олимон, муҳаққиқон, инчунин намояндагони соҳаҳои дахлдор аз кишварҳои ширкаткунанда шомиланд. Ин озмун 23 сентябр натиҷагирӣ ва ғолибони он дар маросими пӯшидашавии Ҷашнвораи дуюми ҳунармандӣ бо мукофотҳо сарфароз хоҳанд шуд.



Бояд қайд намуд, ки намоиши маҳсули ҳунармандон ва дарсҳои маҳорати иштирокчиёнро ҳакамони байналмилалӣ дар чунин номинатсияҳо сарфароз мегардонанд: дар 5 номинатсия – «Устои беҳтарин» (ҷойи 1-ум – 7000 доллари ИМА, ҷойи 2-юм – 5000 доллари ИМА, ҷойи 3-юм – 3000 доллари ИМА), «Ҷавонтарин ҳунарманд» (2000 доллари ИМА) барои 5 ҳунарманд), «Устоди беҳтарин мактаби ҳунарӣ» (ҷойи 1-ум 5000, ҷойи 2-юм 3000 доллар, ҷойи 3-юм 2000 доллари ИМА), «Ворисι сулолаи бостонӣ» (2 ҳазору 500 доллар барои 2 ҳунарманд) ва «Ҳунарманд, ки навъи ҳунари қадимиро барқарор кард» (2 мукофоти 2 ҳазору 500 долларӣ). Ғолибон бо дипломи махсус ва мукофоти дигари пулӣ қадрдонӣ карда мешаванд.

**Мирасрор АҲРОРОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**
*Вилояти ФАРҒОНА.*

---

## Пахта – 2023

# ФАЙЗИ САҲРО

***Пахтакорони ноҳияи Пешкӯ ӯҳдадор шудаанд, ки имсол ба давлат мувофиқи шартнома 33 ҳазору 145 тонна пахта супоранд. Бо ин мақсад дар 323-то хоҷагиҳои фермерии ба пахтакорӣ ихтисосонидашуда, ки фарогири 8 ҳазору 412 гектар майдон аст, ҳосили фаровон рӯёнданд.***

Ҳоло беш аз 14 ҳазор нафар чинакчиён дар 226-то отряд муттаҳид гашта, баҳри сари вақт ғундоштани ҳосил азму кӯшиш доранд. Ҳарчанд, ки ғунучини ҳосил дар ҳамаи ҳудудҳо ҳанӯз оғоз наёфтааст, дар ноҳия қариб 4000 тонна ҳосил ҷамъ оварда шудааст. Хоҷагиҳои фермерии «Облоқул Камолиддин ӯғли» (роҳбараш Улуғбек Мансуров), «Кетли Ранчо» (сардораш Учқун Тошев), «Варахша олтин баҳори» (сардораш Ӯктам Фатҳуллоев) ва ғайра кайҳост, ки супоришоти солонаи пахтасупориро иҷро кардаанд. Дар ҳудудҳо ғунучини ҳосил рӯз то рӯз авҷ мегирад.

Вақте ки мо ба ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи «Бобохоҷӣ»-и ноҳия омадем, аз раиси маҳалла Баҳром Кенҷаев шунидем, ки ду хоҷагии фермерӣ – «Облоқул Камолиддин ӯғли» (роҳбараш Улуғбек Мансуров) ва «Йӯлдош Эргаш замини» (сардораш Рамазон Йӯлдошев) нақшаи шартномавии ба давлат супоридани пахтаро бомуваффақият иҷро карданд. Ин ду фермер сокини деҳаи Шовареи маҳаллаи «Бобоҳоҷӣ» бошанд ҳам, киштзорҳояшон дар мавзеи «Варахша»-и ноҳия воқеъ гардидааст.

### «Пир»-и деҳқонони ҳудуд

Номи Йӯлдош Эргашев солҳои 80-уми асри гузашта нафақат дар ноҳияи Пешкӯ, балки дар вилоят машҳур буд. Ин марди асил, ки зодаи деҳаи Шоваре аст, вақти мактабхонӣ аллакай дар колхоз табелчигӣ кардааст. Баъди чанде ӯро ба колхоз сардори бригада интихоб карданд. Дар давоми 28 соли сардории бригада вай нафақат дар вилоят, балки дар республика ҳамчун пахтакори моҳир шинохта шуда, соли 1982 сазовори унвони олии «Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ» гаштааст. Беҳуда нест, ки солҳои соҳибистиқлолии мамлакат ба хоҷагии ҷамоавӣ номи вайро гузоштаанд. Деҳқони пуртаҷриба 9 августи соли 1989 вафот кард. Й.Эргашев соҳиби 6 писару 2 духтар буда, фарзандону наберагонаш ҳоло кори ӯро давом медиҳанд. Писараш Рашид Эргашев баъди вафоти падар сарварии бригадаро ба ӯҳда гирифт. Ӯ ҳоло роҳбари хоҷагии фермерии «Каромат Йӯлдош ӯғли», соҳиби медали «Шӯҳрат» аст. Сардори хоҷагии фермерии «Йӯлдош Эргаш замини» Рамазон Йӯлдошев бошад, набераи ӯст.

### «Қадамҳои дилпуронаи «Йӯлдош Эргаш замини»

14 сентябри соли ҷорӣ хурсандии аъзои хоҷагии фермерии «Йӯлдош Эргаш замини» андоза надошт. Онҳо баъди хоҷагии фермерии «Облоқул Камолиддин ӯғли» дар ноҳия дуюмин шуда ба марраи мурод расиданд. Ба давлат ба ҷои 34 тоннаи шартнома 58 тонна «тиллои сафед» супорида, плани солонаро 170,6 фоиз иҷро карданд. Ба ин муносибат дар хоҷагии фермерӣ маросими тантанавӣ ба амал омад. Дар он ҳокими ноҳия В. Қаҳҳоров ва алоқамандони дигар иштирок карда, фотеҳони даштро бо комёбии арзанда муборакбод намуданд ва ба онҳо туҳфаҳо супориданд. Дар саҳро ҳосил ҳанӯз бисёр аст. Меҳнатдӯстон мехоҳанд, ки ҳосилро то граммҳои охирин чинда ба давлат супоранд. Чӣ хеле ки гуфтем, Рамазон набераи деҳқони шӯҳратманд Йӯлдош Эргаш аст. Вай бо орзую умедҳои зиёд ба хоҷагии фермерӣ номи бобояшро гузошт ва ният дорад, ки муносиби ҳамин ном ва алоқамандони ҳамин хонадон баҳри халқу Ватан хидмати муносиб кунад. Гӯё дирӯзакак буд, вай баъди хатми мактаби нӯҳсола ва коллеҷи касбу ҳунар мехост, ки донишҷӯи мактаби олӣ шавад. Пас аз хидмати дусолаи ҳарбӣ ниҳоят азму кӯшишҳои пай дар пай ӯро ба мақсад расонд. Рамазон соли 2019 шуъбаи нафту гази Институти технологияҳои муҳандисии Бухороро хатм кард. Вай худи ҳамон сол дар хоҷагии фермерии амакаш – «Каромат – Йӯлдош ӯғли» ҳамчун бухгалтер ба фаъолияти меҳнатӣ оғоз кард. Баъди ду сол – моҳи феврали соли 2021 аз мавзеи «Варахша» аз ҳисоби захираи ҳокимият 36 гектар замини партовшударо гирифта, ба хоҷагии фермерии пахтаю ғаллакории «Йӯлдош Эргаш замини» асос гузошт. Як соли расо қитъаҳоро ба тартиб даровард, 2-то чоҳи артезианӣ кофта барои обёрикунии майдонҳо шароит омода карда, байни хешовандон ва шахсони меҳнатдӯст муносибтарашонро ба кор гирифт. Обронҳо Юсуф Каримов, Шаҳбоз Йӯлдошев, тракторчиён Мухлис Муродов, Комил Эргашев, пудратчиён Сарабегим Шукурова (модараш), Ойнисо Ҳошимова, Гуласал Толибова, Ҳамида Расулова, Тӯйбегим Шукурова барин аъзоён ҳоло ба пушту паноҳи хоҷагӣ табдил ёфтаанд. Деҳқонон соли гузашта дар 25 гектар майдон пахта, дар 10 гектар ғалла корида комёб шуданд. Ба давлат 74 тонна пахта супориданд. Таҷриба нишон дод, ки дар шароити камоби дашт рӯёндани пахта чандон кори осон нест. Гармии ғайриоддии фасли тобистон, талафёбии гулу муғҷаҳои зиёд имконият намедиҳад, ки ҳосили дилхоҳ дастрас гардад. Ба ҳар ҳол дар чунин шароит рӯёндани гандум ташвиш ва маблағи зиёдро талаб намуд. Дар хоҷагӣ деҳқонон гандуми навъи «Краснодар» корида, имсол истеҳсоли ғалларо ба 65 сентнерӣ расонданд. Киштзори ғалларо ба 22 гектар ва пахтазорро ба 13 гектар табдил доданд. Дар ҳудуди хоҷагии фермерӣ як гектар чорбоғ мавҷуд аст.

Ҳоло хоҷагии фермерӣ соҳиби бошишгоҳи саҳроӣ ва ду трактор – «МТЗ-80», «ТТЗ-100», инчунин култиватор гаштааст.

– Гирду атрофи хоҷагии фермериамон ба нигоҳубини чорвои калони шохдор хеле мувофиқ аст. Аз ин рӯ ният дорем, ки солҳои оянда соҳаи чорвопарвариро низ ба роҳ монем. Меҳнати оқилона, албатта бесамар намемонад, – таъкид намуд мусоҳибам, сарвари хоҷагии фермерӣ Рамазон Йӯлдошев.

**Амрулло АВЕЗОВ,**
**мухбири «Овози тоҷик»**
**дар вилояти Бухоро.**

---

*«Российская газета»:*

# ӮЗБЕКИСТОН – МУҲАРРИКИ АСОСИИ ПЕШРАФТ ВА ШУКУФОИИ ОСИЁИ МАРКАЗӢ

***Рӯзномаи машҳури «Российская газета» мақолаи директори Пажӯҳишгоҳи тадқиқоти муносибатҳои байналхалқии иқтисодии Донишгоҳи молияи назди Ҳукумати Русия Виктория Перскаяро таҳти сарлавҳаи «Ӯзбекистон – муҳаррики асосии пешрафт ва шукуфоии минтақаи Осиёи Марказӣ» чоп кард.***

Муаллиф дар мақола рушди кунунии Ӯзбекистонро аз тариқи нишондиҳандаи баённомаи молиявию маънавии ҳувияти инсон таҳлил мекунад.

«Роҳи нави ҷумҳурӣ – ин таъмин сохтани рушди муттасилу устувор мебошад, ки он бидуни татбиқ сохтани сиёсати пешбурди демократӣ ва баробарҳуқуқӣ, адолати иҷтимоиву ҳамдилӣ ғайриимкон аст», – менависад коршинос.

Таъкид мегардад, ки Сарқонуни моҳи апрели соли равон навшудаи мамлакат бунёди давлати инсонпарвари демократиеро, ки муттасил инкишоф меёбад ва бо тартиби адолатноки ҷамъиятӣ барои ҷомеаи ҷаҳон ошкорост, ҳамчунин рушди устувор ва дар оянда пешгӯишавандаро дар ҳамкории байналхалқӣ таъмин менамояд. Дар ин маврид аҳамияти тараққӣ додани бозори дохилӣ таъкид карда мешавад, ки ба рушди иқлими мусоиди сармоявӣ мусоидат хоҳад кард.

Муаллиф ба назари Ӯзбекистон нисбати инкишофи муносибатҳои байналхалқӣ бо давлатҳои ҳамсоя дар пояи ҳамкорӣ, дастгирии тарафайн, сулҳу салоҳ ва ҳамдилӣ эътибори махсус медиҳад.

«Ба тарзи дигар гӯем, сухан дар бораи ташаккул ёфтани консепсияи нави минтақасозӣ ва фароҳам овардани соҳати ягонаи геосиёсии Осиёи Марказӣ меравад, ки ченаки мушаххаси сиёсӣ ва иҷтимоӣ дорад, – гуфта мешавад дар мақола. – Ҳамин тариқ, Ҷумҳурии Ӯзбекистон бо ташаббуси ба минтақаи сулҳу салоҳ, рушди мустақим ва афзоиши некуҳолии аҳолӣ табдил додани Осиёи Марказӣ баромад мекунад».

Таъкид мегардад, ки маҳз роҳбарияти мамлакат «муҳаррик»-и шаклҳои нави созмон додани соҳати иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва сиёсӣ гардид. Ин ба зиммаи ҷумҳурӣ ӯҳдадориҳои бузург мегузорад, талаботи нав, аз ҷумла рушди муттасил ва мустақими иқтисодиёти дохилӣ пеш гузошта мешавад.

Дар мақола муаллиф нишондиҳандаҳои макроиқтисодии пешрафти кунунии Ӯзбекистонро зикр карда, афзоиши савдои хориҷӣ ва ҳамкориҳои сармоявиро таъкид мекунад.

«Алҳол Ӯзбекистон бо кишварҳои ҳамсоя – Қазоқистон, Қирғизистон, Тоҷикистон ва Туркманистон муносибатҳои шарикии стратегиро муқаррар намуд, бо чанде аз онҳо ин шарикӣ то ба дараҷаи иттифоқӣ бардошта шуд», – қайд менамояд коршинос.

Самаранокии механизми Воҳӯриҳои машваратии сарони давлатҳои Осиёи Марказӣ, ки соҳати мулоқоти ошкоро ва боэътимод, коркарди саъю кӯшишҳои ягона дар соҳаи рушди иқтисодиёти минтақавӣ ба шумор меравад, қайд карда мешавад.

Муаллиф ҳамчунин ба муносибати Ӯзбекистон бинобар ҷалби Афғонистон ба ҷараёнҳои минтақавии тиҷоративу иқтисодӣ эътибор додааст.

– Самти стратегии ҳамкориҳои минтақавӣ масъалаҳои ҳамкории тарафайн дар соҳаи амният боқӣ мемонанд. Ӯзбекистон дар ин самт муборизаро бо таҳдидҳои анъанавии экстремизм ва терроризм, ҷинояткории муташаккил ва хариду фурӯши нашъа, ҳамчунин киберҷинояткорӣ афзалиятнок мешуморад.

Ба ин маънӣ ба таклифи аз ҷониби Президенти Ӯзбекистон дар конфронси байналхалқии «Ҳамкории минтақавии байни давлатҳои Осиёи Марказӣ» пешниҳодшуда эътибор дода шудааст, ки дар байни онҳо дар минтақа кушодани идораи Раёсати зиддитеррористии СММ; даъвати Шӯрои ҷавонони кишварҳои Осиёи Марказӣ ва Осиёи Ҷанубӣ барои баррасии масъалаҳои амнияти минтақавӣ; созмон додани Шабакаи ягонаи электронӣ оид ба кибертерроризм дар минтақа барои мубориза бо терроризм дар соҳати рақамӣ мавҷуданд.

Фикрҳои дар боло зикршударо хулоса карда, муаллиф таъкид менамояд, ки ташаббуси Ӯзбекистон бобати таҳкими шарикии боэътимоди кишварҳои Осиёи Марказӣ аз ҷониби СММ ба сифати баённомаи махсуси Ассамблеяи генералӣ «Таҳкими ҳамкориҳои минтақавӣ ва байналхалқӣ бинобар таъмин сохтани сулҳу салоҳ, эътидол ва рушди устувор дар минтақаи Осиёи Марказӣ» дастгирӣ карда шуд.

**АИ «Дунё»,**
*шаҳри МАСКАВ.*

---

## ХАБАРҲО

### БО КУМАКИ БУНЁДИ «ЭЛ ЮРТ УМИДИ»

***Маълум, ки беҳтарин ҷавонони илмдӯсту иқтидорноки мо дар хориҷ низ таҳсил менамоянд ва онҳоро бунёди «Эл-юрт умиди» ҳарҷониба пуштбонӣ мекунад. Ҷуз ин онҳо ҳамеша дар маркази эътибори ҳукумати Ӯзбекистонанд.***

Роҳбари давлати мо дар доираи сафари корӣ ба ИМА ба як гурӯҳ донишҷӯёнамон – стипендиатҳои бунёди зикршуда, ки он ҷо зиндагиву таҳсил менамоянд, вохӯрда, таъкид намуд, ки байни шумо ва ҳамватанонамон, ки ин ҷо буду бош доранд, робита бояд мустаҳкам бошад, барои дар хориҷ ташкил кардани курсҳои забони ӯзбекӣ ҳукумати мо аз наздик кумак мерасонад. Айни замон барои Ӯзбекистонро зиёрат кардани ҳамватанҳоямон, ки замоне бо тақозои тақдир падару бобоҳояшон муҳоҷир шудаанд, кор карда баровардани хидматҳои махсуси сайёҳӣ ба нақша даровардa шудааст.

Ҷавононамон, ки дар ширкатҳои бонуфузи амрикоӣ фаъолият мебаранд ва ё дар муассисаҳои таълими олии он ҷо мехонанд, ба роҳбари давлати мо бинобар шароите, ки барояшон фароҳам оварда шудааст, изҳори сипос намуданд, аз рӯйи масъалаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ ва соҳаҳои гуногуни иҷтимоию иқтисодӣ дар Ӯзбекистони Нав изҳори назар сохтанд.

### МАКТАБҲОИ РУСӢ ДАР ӮЗБЕКИСТОН

***Маълум, ки дар ҳудуди мамлакати дигар барпо сохтани муассисаҳои таълимӣ ва ё объектҳои иҷтимоӣ дар таҷрибаи ҷаҳон мавҷуд. Чунончи, солҳои охир Ӯзбекистону Тоҷикистон дар ин масъала чанд иқдоми муҳим гузоштанд ва ин раванд барои мустаҳкамшавии дӯстии халқҳо ва ривоҷи таълим мусоидат намуд.***

Ба наздикӣ Сарвазири Русия Михаил Мишустин зимни ҷамъомади муштараки комиссияи дараҷаи роҳбарони ҳукумати Ӯзбекистону Русия изҳор намуд, агар ҷониби Ӯзбекистон манфиатдор бошад, давлати мо омода аст дар диёри шумо аз рӯйи барномаҳои Русия чанд мактаби русӣ барпо намояд. Сарвазири Ӯзбекистон Абдулло Орипов ҷавобан гуфт «таклифҳо оиди барпои мактабҳои русиро бо мамнуният қабул менамоем».

Навъе баррасӣ гашт, барномаи таълимии мактабҳое, ки аз ҷониби кишвари дигар бунёд мегарданд, аз нуқтаи назари урфу одат, арзишу анъаноти миллӣ, таърихи диёри мо ва ҳуҷҷатҳои қонунии амалкунандаамон, айни замон талаботи стандартҳои таълимии мавҷуда амиқ омӯхтаву дида баромада мешаванд.

### ФАЪОЛИЯТИ ҚОНУНӢ ДАР КИШВАРИ АРАБ

***Назар ба хабари АИ «Дунё» сарконсули Ӯзбекистон дар шаҳри Ҷидда Нодирҷон Турғунов бо мақсади кумак ба шаҳрвандони ҷумҳуриамон, ки дар хориҷ меҳнат мекунанд, бо менеҷери яке аз ширкатҳои бонуфузи ба шуғл кумакрасони Арабистони Саудӣ Аҳмад Иброҳим Муҳаммад вохӯрд.***

Масъалаҳои истиқболноки ҳамкорӣ дар соҳаи муҳоҷирати меҳнат байни Ӯзбекистон ва Арабистони Саудӣ муҳокима шуданд.

Акнун муҳоҷирони ӯзбекистонӣ метавонанд қонунан дар ин мамлакат кор кунанд. Барояшон дар нуқтаҳои хусусии подшоҳӣ ҷойҳои нави корӣ омода хоҳад гашт.

Маълум мешавад, дар Арабистони Саудӣ хусусан ба ошпазҳо, ронандагони автобус ва мошинҳои боркаш, ходимони тиббиёт, ки забонҳои арабию англисиро баладанд, талабот зиёд аст.

**М. ШОДИЕВ,**
**мухбири «Овози тоҷик».**

---

*Агар ба таъбири роҳбари давлат бигӯем, ҳоло вилояти Наманган, бидуни муболиға, ба диёри соҳибкорон, маркази тиҷорати хурду миёна табдил меёбад.*
*Ноҳияи Косонсой бошад, дар ин бобат мақоми аввалро соҳиб аст.*
*Дар маҳаллаи Боғибаланди ҳудуди сектори 3-юми ноҳия корхонаи «ҶС Текс» ҷойгир шудааст, ки аз ҷумлаи субъектҳои пешқадами соҳибкорӣ ба шумор меравад.*
*Дар корхонаи мазкур, ки ба истеҳсоли маҳсулоти трикотажӣ махсусонида шудааст, аз маҳаллаҳои Боғибаланд ва Гулбоғ анқариб 50 нафар ҷавонон ва бонувон бо кор таъмин шудаанд. Дар ин ҷо таҳти тамғаи «Adib» моҳе 11 ҳазор дона маҳсулот истеҳсол мегардад.*
***Дар сурат:*** *дар корхонаи «ҶС Текс»-и ноҳияи Косонсой.*
***Суратгир: Ҳ. МАМАДАЛИЕВ (ӮзА).***



---

## Гиромидошт

# РӮДАКИРО БАР САРИ ОН ШОИРОН ЗЕБАД САРӢ...

***Аз субҳи солеҳони рӯзи ҷумъа аҳли фарҳанг, шоирону нависандагон, донишҷӯёну устодони факултаи филологии Донишгоҳи давлатии Самарқанд, муаллимони забон ва адабиёт, мухлисони каломи бадеъ дар назди муҷассамаи асосгузори адабиёти классикии форсу тоҷик устод Абуабдуллоҳ Рӯдакӣ, ки воқеъ дар кӯчаи ба номи ӯст, ҷамъ омаданд, ки дар чорабинии ҷашни 1165-умин солгарди Одамушшуаро ширкат варзида, аз ҳикматҳои аллома баҳраманд шаванд.***

Ба анҷумани бошукӯҳи фарҳангӣ сардабири рӯзномаҳои «Зарафшон» ва «Самаркандский вестник», сенатор Фармон Тошев ҳусни ифтитоҳ бахшида, риштаи суханро ба профессори Донишгоҳи давлатии Самарқанд Садрӣ Саъдиев дод.

– Рӯдакии Самарқандӣ пурмаҳсултарин эҷодкори бузурги мо мебошад, – иброз дошт нотиқ, – агар мо ба мероси адабии ӯ бо диққат назар афканем, хеҷ як эҷодкорро пайдо карда наметавонем, ки мисли вай сермаҳсул бошад. Сарчашмаҳои таърихӣ микдори ашъорашро то як миллиону 300 ҳазор байт диниста, маҳсули адабии ӯро сад ҷилд нишон додаанд. Шоири маъруфу машҳур Рашидии Самарқандӣ (асри XII) микдори осори Рӯдакиро чунин тасвир мекунад:

*Гар сарӣ ёбад ба олам кас ба некушоирӣ,*
*Рӯдакиро бар сари он шоирон зебад сарӣ,*
*Шеъри ӯро баршумурдам сездаҳ раҳ сад ҳазор,*
*Ҳам фузун ояд агар чунонки бояд бишмарӣ.*

Боиси ифтихор аст, ки Рӯдакии ташнаи илму дониш ба Самарқанд рӯ оварда, дар мадрасаҳо таълим гирифта, эҷодиёташ сайқал ёфт. Бо ташаббус ва ҷонибдории равшанфикрон яке аз кӯчаҳои шаҳри Самарқанд номи ӯро гирифт.

Инчунин дар ин гирдиҳамоии бошукӯҳ сардабири рӯзномаи «Овози Самарқанд» Баҳодури Раҳмон, раиси вилоятии иттифоқи нависандагони Ҷумҳурии Ӯзбекистон Тошпӯлод Тугалов, раиси маркази фарҳангии тоҷикони Самарқанд Акбар Махмудов, шоира Дилшодаи Фарҳодзод ва дигарон ба сухан баромада, доир ба паҳлӯҳои гуногуни осори гаронбаҳои шоир ҳарф заданд.

Ҳофизони номдори водии Зарафшон Асадулло Атоуллоев ва Мардони Мавлон аз осори Рӯдакӣ сурудҳои дилошуб хонда, таъби ҳозиронро болида сохтанд.

Баромади ҷонишини ҳокими вилоят Хуршед Очилов ба чорабинӣ шукӯҳи тоза бахшид.

**Зоҳир ҲАСАНЗОДА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Самарқанд.**

# МУҲАҚҚИҚИ ТАВОНО

Вақте дар курси аввал мехондем, устодамон Саъдулло Асадуллоев (равонашон шод бод) саъй мекарданд дили моро ба хондан бештар гарм кунанд. Мегуфтанд, ба институт даромадан ва таҳсил кардан низ омад аст, ин бахт ба ҳар кас насиб намекунад, чӣ қадар ҳамсолони шумо дохил шуда натавониста, ноком ба хона баргаштанд. Онҳоро лозим аст барои ба мақсад расидан боз як сол тайёрӣ бинанд. Бигузор, соли оянда бахт ба рӯйи онҳо низ хандад, аз санҷишҳо бомуваффақият гузашта, чун шумо донишҷӯ гарданд.

Устод боз таъкид сохтанд дар «омад» низ гап калон: яке аз абитуриентҳо, бо вуҷуди он ки мактабро бо медали тилло тамом карда ва дониши хуби филологӣ дошт, соли аввал дохил шуда натавонист. Баъди омодагии ҳарҷониба соли оянда ба институт даромад. Чаҳор сол дар сафи беҳтарин донишҷӯён қарор гирифт...

Шодравон Асадуллоев айни замон аз хусуси дигар шогирдони ояндадорашон сухан ба миён оварданд, ки Абдуманнон ном дошта, ду сол қабл факултаи моро хатм карда будааст. Арзанда, ки буд, дар институт ба кор монд, гуфтанд устод ва афзуданд умед аст вай рӯзе ба шумо дарс диҳад, баробари пеш бурдани фаъолияти педагогӣ дар сафи адабиётшиносҳои пештоз мавқеъ пайдо кунад.

Мутахассиси ҷавон Абдуманнон Насриддинов он вақт ба газетаи донишкадаамон (Институти давлатии педагогии Ленинобод, ҳоло ДДОХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров), ки «Маҳорати педагогӣ» ном дошт, муҳаррирӣ мекард. Вақте ба курси сеюм гузаштем, Асадуллоев ӯро ҳамроҳ ба аудитория даровarданд. Гуфтанд лексияҳоро аз адабиёти классикӣ ман мехонам, семинарҳоро Абдуманнон мегузарад. Ҳамин тавр, бо А. Насриддинов (он вақт ассистент буд, баъдтар сармуаллим гашт) наздиктар шинос шудем. Инсоне буд бисёр самимӣ ва хушмуомила. Ба донишҷӯён, хусусан ба онҳое, ки дониши хуб доштанд, бародарвор муносибат менамуд.

А. Насриддинов дар ибтидои солҳои ҳаштодум баробари фаъолияти омӯзгорӣ корҳои тадқиқотӣ пеш бурд, рисола бомуваффақият дифоъ ва номзади илмҳои филологӣ шуд. Аз соли 1883 то соли 1987 чун дотсент кор кард, солҳои 1987-1988 чун декани факулта фаъолият бурд. Баъд ба Душанбе рафт, докторантиаш дар Институти забон ва адабиёти ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакии АУ Тоҷикистон ду сол давом кард ва соли 1990 дар мавзӯи «Проблемаҳои маърифати бадеӣ ва шарҳу тафсири осори адабиёти форсӣ-тоҷикӣ» рисолаи докторӣ ҳимоя намуд. Боз ба Хуҷанд, ба кафедраи адабиёти ДДОХ баргашт ва омӯзгорӣ идома дод. Аз соли 1991 профессор, аз соли 1992 то поёни умраш (2011) ба сифати мудири кафедраи адабиёти классикии тоҷик фаъолият намуд.

Аз охири солҳои ҳафтодум сар карда, Абдуманнон Насриддинов ба таълифи мақолаҳои илмӣ, илмиву оммавӣ ва илмиву методӣ шурӯъ намуд. Дар давоми тақрибан 35 сол бештар аз 30 китоб чоп кунанд, ки фарогири наздик 450 мақола мебошанд. Вай дар навиштаҳояш асосан муҳимтарин масъалаҳои таърихи адабиёти тоҷикро мавриди баррасӣ қарор дод. Фарҳангшиносӣ, матншиносӣ ва шарҳнависӣ се шохаи пурборе буданд дар фаъолияти пажӯҳишии олими пухтакор ва сермаҳсул. Баробари матбуоти маҳаллӣ дар нашрҳои хориҷ низ мақолоту гузоришҳо ба табъ мерасонд, бо ҳамкасбони бурунмарзӣ ҳамкориҳо месохт, чун олими варзида ва адабиётшиноси нуктасанҷ дар барқарории робитаҳо бо хориҷ, дӯстии адабиёт ва равуоҳои фарҳангиву маънавӣ бо ҳамзабонҳо саҳми муносиб мегузошт. Дар авҷи фаъолияти омӯзгориву эҷодиаш мегуфтанд фаъолияти самараноки доктор Абдуманнон дар эроншиносии дунё зуҳуроти тозаест. Профессор А.Насриддинов бо тадқиқот ва бозёфтҳои тозааш оиди поэтика, текстология ва фарҳангнигорӣ нафақат дар Эрон, айни замон то дараҷае дар Ҳиндустон, Ӯзбекистон, Покистон, Русия, Афғонистон ва Қазоқистон ном баровард ва дар ин кишварҳо мақолаҳои илмӣ-адабиётшиносӣ ба чоп расонд. Вай дар корҳои ҷамоатӣ марбут ба илму адаб низ фаъол буду бо вуҷуди серкорӣ барои равнақи фарҳанг, хусусан, баҳри дастгириву пуштбонии кадрҳои ҷавони илмӣ фурсат пайдо мекард. Ҳамчун узви Шӯрои дифоъи рисолаҳои номзадии Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров, узви Кумитаи С.Айнии Фарҳангистони улуми Тоҷикистон, узви Бунёди Рӯдакии Пажӯҳишгоҳи забон ва адабиёти АУ Тоҷикистон, раиси Кумитаи ислоҳоти Бунёди забони вилояти Суғд дар ташкил ва пешбурди корҳои пурсамари фарҳангӣ, илмиву адабӣ саҳми муносиб гирифт.

Чанд соли охир дар Хуҷанд иборае сари забонҳост бо унвони «Мактаби Абдуманнон». Дар мактаби намунавии ташкилкардааш даҳҳо шогирдон тарбия намуд, ки тавфиқ ёфтанд ва ҳоло аксарияти онҳо ба дараҷаи устодӣ расиданд. Бештар аз 30 нафар шогирдонаш ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ сазовор гардиданд. Як қатор докторҳои имрӯзаи илм низ дастпарвари мактаби А. Насриддинови зиндаёданд.

Дар чандин анҷумани ҳамоишҳои илмии байналхалқӣ иштирок ва суханронии профессор Абдуманнон Насриддинов (минҷумла, дар анҷуманҳои устодони забони форсӣ дар Эрон, анҷумани забони форсии Ҳиндустон, анҷумани тамаддуни эронӣ дар оғози қарни XXI, ки дар Маскав баргузор шуд, анҷумани «Мавлавӣ ва ҷаҳони муосир», ки дар Алмати рӯйи кор омад ва ғайраҳо) низ қобили қайд аст. Шодравон айни вақт чун узви Анҷумани устодони забон ва адабиёти форсӣ (Эрон), узви Анҷумани устодони забону адабиёти форсии Ҳинд ва узви ҳайати таҳрири чандин рӯзномаву маҷаллаҳо фаъолият кардааст.

Таҳти ташаббус ва сарпарастии бевоситаи Абдуманнони Насриддин дар вилояти Суғд маҳфили адабии «Ганҷи сухан» таъсис ёфт, дӯстдорони забон ва адабиётро ба як ҷо ғун ва гурӯҳ, ба қавли Соиб, масти баёни якдигар мегашт. Ин маҳфил ҳануз амал мекунад ва дар ҳаёти маънавии Тоҷикистони Шимолӣ нақши муҳим мебозад.

Қисми муайяни мақолаҳои илмии А. Насриддинов доири Рӯдакишиносист. Яке аз китобҳояш оиди рӯзгори шоирии Рӯдакии бузургвор бо унвони «Девони Одамушшуаро» дар шаҳри Алмати низ ба табъ расидааст. Мегӯянд тадқиқотҳои Абдуманнони Насриддин дар Рӯдакишиносӣ саҳифаи тозаест. Даҳҳо мақолоташ дар ин бахш аз ҷониби мутахассисони маҳалливу хориҷӣ баҳои баланд гирифтааст. Навъе аз маълумотҳо бармеояд, «профессор А. Насриддинов масоили илмиву амалии Рӯдакишиносиро ба қаламрави худ ворид сохта, пойгоҳи шоистае дар маърифати ҳикмати олии Рӯдакӣ фароҳам оварда тавонистааст».

Инсони комилеро дучор кардаам ё накардаам, намедонам. Вале дил мехоҳанд гӯям, ки устоди арҷманди мо Абдуманнони Насриддин инсони комил буд.

Соли 2013 ба муносибати 60-солагии муҳаққиқи тавоно «Куллиёти осор»-аш иборат аз ҳафт ҷилд ҷомаи табъ ба бар намуд, ки фарогири ҷамъ 4526 саҳифа мебошад. Ҳоло дар Тоҷикистон 70-солагиаш қайд карда мешавад. Даҳҳо шогирдони доктори илмҳои филологӣ, Барандаи ҷоизаи Президенти Тоҷикистон ва ҷоизаи ба номи Камоли Хуҷандӣ Абдуманнон Насриддинов айни замон дар Ӯзбекистон низ ба сар бурда, номашро дар забон, хотираашро дар мағзи дилу ҷон зинда медоранд.

**М. ШОДИЕВ.**

***Мамнӯъгоҳи давлатии «Нурато» ба мақсади ҳифзи олами ҳайвонот ва наботот ташкил карда шудааст. Ҳоло дар ин мамнӯъгоҳ ба мақсади ҳифзи ҳудуди он 29 нафар назоратчиёни махсуси давлатӣ, ҷиҳати пеш бурдани тадқиқоти илмӣ ва мониторинги экологӣ 4 нафар ходими илмӣ ва 2 нафар лаборант фаъолият нишон медиҳанд. Ба туфайли масъулияту ӯҳдадориҳои хешро амиқ ҳис намудани коркунон дар кӯҳу ҳомун олами ҳайвонот ва набототи нодир чун гавҳараки чашм ҳифз карда мешавад.***

# ҲИФЗИ ТАБИАТ – ВАЗИФАИ ҲАМА

Ҷамоаи аҳлу тифоқи меҳнатии мамнӯъгоҳ таҳти сарварии Кучқор Қӯрғонов ҳайвоноти нодир, рустаниҳои дармонбахшеро, ки дар тиббиёт фаровон истифода мебаранд, ҳифз менамоянд. Барои таъмини гуногунрангии биологӣ, пойдории олами рангини флораву фауна саҳми муносиб мегузоранд.

– Мамнӯъгоҳи мо ҳоло ба як майдони тадқиқотӣ табдил ёфтааст, – мегӯяд коршиноси шуъбаи таълими экологӣ, робита бо ҷамоат ва рушди сайёҳии мамнӯъгоҳи давлатии «Нурато» Бахтиёр Қосимов. – Дар ин ҷо ба вуҷуд овардани «Солномаи табиат» ва популятсия, яъне дар бораи роҳҳои афзун гардондани ҳайвону рустаниҳои нодир корҳои илмӣ-тадқиқотӣ пеш бурда мешаванд.

Ба наздикӣ бахшида ба Рӯзи ҷаҳонии тозагии табиат, ҳифзи муҳити атроф маъмурияти мамнӯъгоҳи мазкур якҷоя бо садорати ободонӣ, ҶММ «Forish eko sfera», шуъбаҳои экология ва фарҳанг дар мавзеи Тутаки маҳаллаи «Оқтеппа» ва «Экобоғ»-и назди ҳокимияти ноҳия аксияи тозагӣ гузарониданд.

**Анорбой НАЗАРОВ,**
**хабарнигори**
**«Овози тоҷик».**
*Вилояти ҶИЗЗАХ.*

# ДАР ФЛОРЕНСИЯИ ИТАЛИЯ АВВАЛИН МАРКАЗИ ФАРҲАНГИИ ӮЗБЕКИСТОН КУШОДА ШУД

**Он номи олими бузурги ӯзбек Мирзо Улуғбекро дорад**

***Дар рӯзномаи онлайнии ҳаррӯзаи итолёии «Giornale Diplomatico» дар бораи ифтитоҳи Маркази фарҳангии Ӯзбекистон мақола чоп шуд.***

Таъкид мегардад, ки ин марказ дар Италия аввалин буда, дар паҳлӯи консулгарии фахрии Ӯзбекистон дар бинои нави «La Leopoldina» ҷойгир шудааст.

«Ба маркази фарҳангӣ номи олими бузурги ӯзбек, астроном Мирзо Улуғбек, ки дар асри XV зиндагӣ кардааст, гузошта шудааст. Дар маросими ифтитоҳ сафири Ӯзбекистон Отабек Акбаров, намояндагони Фонди ҷамъиятии «Ватандошлар», намояндаи собиқи ҳукумат Тисиана Нисини, вакилии муниципалитети Флоренсия, мушовир Беттарини ширкат доштанд», – хабар медиҳад нашрия.

Қайд карда мешавад, ки ғояи кушодани марказ ба директор Камила Қирғизова ва консули фахрии Ӯзбекистон Леонардо Комучи таллуқ дорад.

«Ин макони нави вохӯрӣ барои ҷомеаи афзояндаи ӯзбекҳо мегардад, ки ба муҳити маҳаллӣ комилан муттаҳид шудаанд. Инчунин сохтори навест, ки дар онҳо байни соҳибкорони ӯзбек ва итолиёӣ дар айни замон, вақте ки табодули мутақобилаи байни ду кишвар торафт пуршиддат мешавад, мулоқотҳо ташкил кардан мумкин аст», – гуфта мешавад дар мақола.

Таъкид мегардад, ки пас аз сафари Президенти Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев дар моҳи июн ба Италия ва ба имзо расондани созишномаи махсус дар бораи шарикии стратегӣ байни ду кишвар ба ин давлат ҳам аз нигоҳи сайёҳӣ ва ҳам аз нигоҳи тиҷорат таваҷҷуҳи зиёд зоҳир мешавад.

Дар маросими ифтитоҳ консули фахрӣ Леонардо Комучи гуфт: «Ман махсусан шодам ва ифтихор дорам, ки Ӯзбекистон барои ифтитоҳи аввалин маркази фарҳангии худ дар Италия Флоренсияро интихоб кард, ки дар ин ҷо инчунин намоишгоҳҳои мавзӯӣ дар бораи кишвар ташкил мекунем. Аз номи кормандони дипломатии консулгарӣ ва пеш аз ҳама, аз ҷониби худ тамоми имкониятҳоро ба кор меандозем, то ки итолиёиҳо бо ин давлат – гавҳари Осиёи Марказӣ, таърихи ҳазорсола ва шаҳрҳои дилрабое чун Бухоро, ки онро «шариф» меноманд ва Самарқанди афсонавӣ аз наздик шинос шаванд. Мо соҳибкоронро барои сармоягузорӣ дар Ӯзбекистон даъват мекунем. Инчунин хоҳиш мекунем, ки барои гирифтани ҳама маълумоти зарурӣ ба консулгарӣ муроҷиат кунанд».

**АИ «Дунё»,**
*шаҳри РИМ.*

*Кулолгарии Риштон, ки таърихи чандасра дорад, ҳоло низ дар ҳафт иқлим машҳур мебошад.*

*Маҳсулоте, ки аз ҷониби усто-кулолҳои риштонӣ тайёр карда шудааст, бо дизайн, ранги табиӣ ва нақшҳои қаланфурнусхаи худ ҷудо шуда меистад. Имрӯзҳо ин анъанот давом мекунад. Дар ҷараён соҳибкорон низ фаъолона иштирок мекунанд. Аз ҷумла, соҳибкор Исломҷон Орифҷонов маҷмӯи сайёҳии «Чинор плюс 2020» ва маркази кулолгарӣ барпо карда, дар таъмини давомнокии анъанаҳо ҳисса мегузорад. Арзиши лоиҳаи маҷмӯъ, ки дар ҳудуди ҶШМ «Оқер» ҷойгир аст, 37 миллиард сӯмро ташкил менамояд. Дар маҷмӯи сайёҳӣ меҳмонхона, бассейни тобистонаву зимистона ва дигар шохобчаҳои хидматрасонӣ ҷой гирифтааст. Хусусан, маркази кулолгарӣ, ки дар он галереяи маҳсулоти усто-кулолҳои риштонӣ мавқеъ гирифтааст, эътибори сайёҳонро ба худ мекашад.*

***Дар сурат:*** *намунаҳои кулолгарии Риштон.*

***Суратгир: М. ҚОДИРОВ (ЎзА).***







*Адаш Истад*

# ҶОДУГАР

*(Ҳикоя)*

Солҳои шастуми асри бистум, дар мактабе, ки дар ноҳияи канори шаҳри бостонӣ буд, муаллиме омад, ки ҷойи холии омӯзгори фанни забони инглисиро пур кунад.

Дар ин мактаб муаллимони ин забон зуд-зуд иваз мешуданд. Онҳо занҳои русзабон буданд. Билохир, як марди қаддарози қоқинаандом омад, ки ёғ буданаш аён буд. Чашмонаш хеле калон ва сеҳрангез буданд. Гавҳараки чашмонаш аслан сиёҳ буданд, аммо агар талабае ӯро оташин кунад, суп-сурх мешуданд, фикр мекардед, ҳоло шарорапошӣ хоҳанд кард.

Вақте ки роҳ мерафт, шарфаи пояшро намешунидед. Бо овози хеле паст сухан мекард, аммо маънои овозаш пеш аз суханаш ба мағзатон медаромад.

Ҳини ба бонувон сухан кардан овози ӯ он қадар тағйири оҳанг мекард, ки гӯё як навъ синтези овозҳои най бо скрипка аст.

Ба ӯ бонувони бешавҳари мактаб зуд ошиқ мешуданд, аммо ин шахси аз куҷое омада эътиборе намедод. Ҳангоми бо бонувон сухан кардан ба чашмони сеҳрангезаш айнаки сиёҳ мениҳод, ки таъсир надошта бошанд чашмонаш.

Номаш Ҷаҳонгир Маҳмудиён буд, аз муҳоҷирони эронӣ будааст. Ӯ зуд фаҳмид, ки тоҷикбачаҳо забони русиро кам мефаҳманд, ба лаҳҷаи теҳронӣ сухан мекард оиди он ки кадом калимаҳо аз форсӣ ва дигар забонҳо ба инглисӣ гузаштааст.

Нақлҳои шавқовар мекард ва ин дар хотирҳо нақши амиқ дошт. Зуд луғатдонии талабаҳо боло рафт. Камина дар яке аз синфҳои ин мактаб таҳсил доштам. Калимаҳои инглисии дар як дарс ёдгирифтаамро то дарси дигар фаромӯш мекардам. Ин ҳол то омадани ин омӯзгор буд.

Як муъҷизаи ӯ ин шуд, ки дар пеши назари мо талабаҳои бадхон – Абдусалом ва Назарро дар давоми се дарс аълохон кард.

Дарси даҳум ё ёздаҳум буд, ки дари синфхона тақ-тақ шуд ва хаткашони почта ба муаллим телеграмма дод. Маҳмудиён ба телеграмма чашм давонду онро ба киса андохт ва дарсро хотима дода гуфт: «Узр мехоҳам аз ҳамаи шумо. Маро ба иҷрои як кори таъҷилӣ даъват карданд». Ва зуд ба берун тохт.

Мо ӯро дигар надидем. Ба ҷойи ӯ муаллими нав омад, ки ақлаш даҳ фоизи истеъдоди Маҳмудиёнро надошт.

Алами таҳсили дуруст нагирифтан аз чунин устод дар дилам тугун шуда монд. Баъди оғози таҳсил дар донишгоҳ бо як гурезаи эронии дигар, ки Халилӣ ном дошт, шинос шудам, ки аз устодони хати форсӣ буд. Баъд аз он кас пурсидам, ки Ҷаҳонгир Маҳмудиёнро мешинохтед?

Халилӣ гуфт, ки ӯ аз муғҳо буд. Яъне аз онҳое, ки мактаби ҷодугариро дар Кашмири Ҳиндустон омӯхтаанд.

Пеш аз омадани ӯ ба шаҳри мо як ҷодугари сиёҳкор пайдо шуда буд. Ӯ агар дар кӯча ягон зани бисёр зеборо бинад, сеҳр карда ба хонааш мебурд. Аз мағозаҳо бо васоити ҷоду пул надода ҳар чизе, ки хоҳад мегирифт. Хилофи қоидаҳои ҷодугарии боинсофона зиста, дар ягон ҷо кор намекард. Ӯро на милиса дошта метавонист на КГБ. Сипас касе ин хабарро ба маркази ҷодугарии Кашмир мерасонад. Аз он ҷо ҳамин инспекторро мефиристонанд. Маҳмудиён ӯро ҷоду карда, ба Кашмир мебарад. Дар он ҷо ҷодугари палидкорро дар маҳкамаи худ муҳокима карда, ба куштан маҳкум мекунанд. Зеро ӯ савганди ҷодугарии ба мардум зарар нарасонданро шикаста буд.

Магар баъзе ҳамин сарватмандон, ки дар як-ду сол миллиардер шудаанд, ҷодугар нестанд?

Дар мактаби ҷодугарӣ як соат нахонда, ин қадар сарват ҷамъ кардаанд, агар мехонданд, чӣ мешуд? Агар онҳо ҷодугари дипломдор мебуданд, гову гӯсфандҳои мардум пару бол бароварда, парида омада, ба фермаҳои онҳо ҳамроҳ мешуданд ва даҳони ҳама журналистони ҳақгӯйро дӯхта мепартофтанд.

Онҳое, ки соҳиби чанд зану маъшуқаанд, аз он ҷодугари сиёҳ чӣ фарқе доранд?

# ДАР САМАРҚАНД ЛАБОРАТОРИЯИ МУШТАРАК ТАЪСИС МЕЁБАД

***Дар доираи ташрифи ҳайати намояндагони Хитой ба Самарқанд дар Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва мероси фарҳангии «Роҳи абрешим» таҳти ҳамкорӣ бо вилояти Шенси маросими кушодашавии лабораторияи муштараки Хитой – Осиёи Марказӣ – «Як макон, як роҳ» оид ба омӯзиши инсон ва муҳити атроф» баргузор гардид.***

– «Лабораторияи муштараки байналхалқии илмӣ-техникии археология ва ҳифзи мероси мадании Ӯзбекистон – Хитой» дар доираи меморандуми ҳамкории байни Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва мероси фарҳангии «Роҳи абрешим» ва Донишгоҳи шимолӣ-ғарбии Хитой амалӣ мешавад, – гуфт ректори донишгоҳ Азиз Абдуҳакимов. – Ҳамкории муштарак, офаридани кӯпруки академӣ барои бемонеа ҳаракат кардани донишҷӯён ва устодони донишгоҳҳои Ӯзбекистону Хитой ҳадафи асосии ҳуҷҷат ба шумор меравад. Қобили зикр аст, ки лаборатория қисми таркибии «Лабораторияи муштараки байналхалқии илмӣ-техникии археология ва ҳифзи мероси мадании Ӯзбекистон – Хитой» ба ҳисоб меравад.

Ин лоиҳаи бузург бо ташаббуси Донишгоҳи шимолӣ-ғарбии Хитой ва шафеии Ташкилоти сайёҳии ҷаҳонӣ (UNWTO) дар бинои кампуси Академияи сайёҳии байналхалқӣ дар Самарқанд ташкил мешавад. То ҳол аз ҷониби Донишгоҳи шимолӣ-ғарбии Хитой ба 1 миллиарду 587 миллион сӯм 90 дона таҷҳизоти лабораторӣ ва ускунаҳои махсус ба донишгоҳ оварда шуданд.

Бо мақсади назорати иҷрои таҷҳизонидан дар асоси стандартҳои махсус ду нафар мутахассиси Донишгоҳи шимолӣ-ғарбии Хитой дар корҳои сохтмони лаборатория иштирок мекунанд.

**Зоҳир ҲАСАНЗОДА,**
**хабарнигори**
**«Овози тоҷик» дар**
**вилояти Самарқанд.**

# «ҲАЁТ БО МОДАРАМ ЗЕБОСТ»

***Чанд сол аст, ки дар сартосари мамлакатамон ҷиҳати дастгирии ҷавонони боистеъдод корҳои пурсамар ба амал татбиқ мегарданд. Чунончи, барои асосҳои илмро пухта омӯхтани насли ҷавон мактабҳои президентиву ихтисосонида дари худро боз намуданд. Зеро вақте инсон илму маърифат дорад, аз ботлоқи ҷаҳолату залолат раҳоӣ меёбад. Қалби эҷодкор бошад, саршори некиву некхоҳӣ аст, вай бо сухани худ ба қалби хонандагонаш тухми некиву накукориро мекорад.***

Бесабаб нагуфтаанд, ки олами зоҳирии инсон таҷассумгари олами ботинии ӯст. Ин духтараки дӯстрӯй аз вохӯрии нахуст ба ман чунин таассурот гузошт. Вақте бо намунаҳои эҷодии Дилнура Адамбаева шинос гардидам, натиҷа гирифтам, ки олами маънавии ӯ ба ашъораш «кӯчидааст».

Дилнура Адамбаева соли 2008 дар Хеваи бостонӣ дида ба дунё кушод. Ҳоло хонандаи мактаби умумӣ буда, дар байни ҳамсолон бо аълохониву ахлоқи ҳамидаи худ намунаи ибрат аст.

Нахустин маҷмӯаи эҷодкори ҷавон аз хонаи табъу нашри «Хоразм нашр матбаа» бо номи «Ҳаёт бо модарам зебост» («Олам гӯзал онам билан») рӯйи нашрро дид. Маҷмӯа қариб 30 шеъри ӯро таҳти мавзӯъҳои эҳтироми волидайну устодон, ватандӯстиву зебоиҳои табиат дар бар гирифтааст.

Мегӯянд, ки дар кӯдак ҳисси меҳру муҳаббат бо аллаҳои модар пайдо мешавад. Кӯдак оламро бо афсонаҳои модар дарк менамояд. Шояд аз ин сабаб бошад, Дилнура китоби аввалини худро «Ҳаёт бо модарам зебост» номидааст.

*Дарахт гӯзал баргидаги шабнам билан,*
*Шеърлар битар шоир қўлда қалам билан,*
*Шундайин бир зот асли умри азиз,*
*Ҳаёт гӯзал ёлғизгина онам билан.*

Тарҷумаи таҳтуллафзӣ:

*(Дарахт зебост бо шабнами баргҳояш,*
*Шоир шеър менависад дар дасташ қалам,*
*Дар дунё нафарест бароям азиз,*
*Ҳаёт зебост танҳо бо модарам).*

Дилнураи ҷавон мисли кӯдак қалби поку беолоиш дорад. Ӯ илҳому истеъдодро туҳфаи Офаридгор медонад.

*Мен оддий бир қизман шеърлар ёзаман,*
*Гоҳо сӯз ахтариб эсдан озаман,*
*Бу ҳолимни ёқтирмайсиз сезаман,*
*Кимни ҳам келарди менга ҳаваси,*
*Тош отманг синади қалбим ойнаси!*

*Тарҷумаи таҳтуллафзӣ:*

*(Духтаре одияму шеър менависам,*
*Ғарқ гардидаам дар баҳри сухан,*
*Медонам з-ин ҳолам хушатон наояд,*
*Ва наояд ҳаваси касе бар ман,*
*Бар шишаи дил санг мазанед).*

Дилнура қалами тезу бурро дорад, ӯро лозим меояд, ки пайваста илм омӯхта, қаламашро бурротар гардонад. Дар ин роҳи пурмашаққат ба ӯ комёбиҳо таманно дорем.

**Н. НОДИРОВА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**

# НОҲИЯҲОИ БЕҲТАРИН ЭЪЛОН ШУД

***Мувофиқи таҳлили Агентии баҳогузорӣ ба донишу малакаи назди Вазорати таълими олӣ, илм ва инноватсияи Ҷумҳурии Ӯзбекистон бинобар ҷамъбасти натиҷаҳои имтиҳоноти тестии абитуриентоне, ки барои дохилшавӣ ба мактабҳои олии мамлакат дар соли хониши ҷорӣ ҳуҷҷат супоридаанд, беҳтарин 10-то ноҳияе, ки бештар аз ҳама ҷавобҳои дурустро ёфтаанд, эълон гардид.***

Бояд таъкид намуд, ки байни даҳ ҳудуди беҳтарин ноҳияи Пешкӯи вилояти Бухоро бо натиҷаи 35,9 фоиз ғолиби мутлақ гардид. Ба ғайр аз Пешкӯ байни даҳ ҳудуд ноҳияҳои Ғиждувон (бо натиҷаи 34,2 фоиз ҷойи сеюм), Шофиркон (бо 33,8 фоиз ҷойи панҷум), Когон (ҷойи шашум), Қарокӯл (ҷойи ҳафтум), Қаровулбозор (ҷойи ҳаштум) низ ҳастанд. Шогирдони мактабҳои Пешкӯ дар рейтинги дигар – ёфтани ҷавобҳои дуруст ба саволҳои тест аз фанни математика низ дар миқёси ҷумҳурӣ байни 10-то ҳудуди пешқадам якҷоя бо ноҳияҳои Вобканду Қарокӯл як хел натиҷа – 34,2 фоизро ба даст оварда, дар мавқеи пешқадамӣ устувор мондааст.

**Амрулло АВЕЗОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик»**
**дар вилояти Бухоро.**

***Чанд рӯз қабл дар шаҳри Самарқанд ҷашнвораи варзишии «Challenge Samarkand – 2023» баргузор шуд. Рӯзи аввали мусобиқаҳои триатлон дар Маркази байналмилалии сайёҳии «Silk Road Samarkand»-и шаҳри Самарқанд таҳти бренди «Challenge Family» оғоз ёфта буд. Мусобиқаи шиноварии «Challenge Samarkand» дар канали қаиқронӣ ба масофаи 1,9 километр ташкил карда шуд. Мусобиқаи велосипедронӣ ба масофаи 86 километр аз маҷмааи «Silk Road Samarkand» оғоз шуда, дар ду давр гузаронида шуд.***

# МУСОБИҚАИ «CHALLENGE SAMARKAND – 2023» ПОЁН ЁФТ

Варзишгарон аз назди муҷассамаи Амир Темур, ансамбли Регистон, мадрасаи Бибихоним, бозори Афросиёб гузашта, сипас аз кӯчаҳои Самарқанди нав ҳаракат карданд. Давраи давидан дар ҳудуди маҷмааи «Silk Road Samarkand» баргузор шуда, варзишгарон масофаи 21,5 километрро тай карданд. Дар доираи ин мусобиқаҳо чемпионати Ӯзбекистон байни варзишгарони касбӣ оид ба триатлон гузаронида шуд, ки дар он варзишгарони моҳир муайян гардиданд. Бояд гуфт, ки дар ҷашнвора беш аз 2000 варзишгар ширкат дошт.

Хусусан, аз 35 давлат, аз ҷумла Германия, Италия, Бритониёи Кабир, ИМА, Ҷумҳурии Ҷанубии Африқо, Чин, Арабистони Саудӣ ва ғайра устодони варзиш барои ғалаба қувваозмоӣ карда, барои оммавигардонии туризми варзиши Ӯзбекистон саҳми худро ҳамроҳ карданд. Дар баҳсҳои рӯзи якуми мусобиқа байни мардон Александр Куришов, Арслон Турсунов, Егор Егоров, байни духтарон Алина Ҳакимова, Ирина Ҷалгудина ва Дилноза Холниёзова ғолибиро ба даст оварданд. Аз рӯи ҷамъбасти мусобиқа, байни мардҳо Фредрих Фанк (Олмон) ҷойи аввал, Арон Ройле (Австралия) ҷойи дуввум ва Филипе Азеведо (Португалия) ҷойи саввумро ба даст оварданд. Дар самтҳои гуногуни озмун ғолибону ҷоизадорон муайян гардида, ба онҳо туҳфаҳо тақдим карда шуд.

Дар ҷашнвора ҳокими вилояти Самарқанд Эркинҷон Турдимов низ иштирок кард.

**Зоҳир ҲАСАНЗОДА,**
**хабарнигори**
**«Овози тоҷик»**
**дар вилояти**
**Самарқанд.**




# ВАРЗИШГОҲИ МАРКАЗӢ ДАР НОҲИЯИ БУХОРО

***Маълум аст, ки нақши тарбияи ҷисмонӣ ва спорт бобати ташаккул додани тарзи ҳаёти солим, мустаҳкам намудани саломатии аҳолӣ, пеш аз ҳама, обутобёбии ҷавонон, инчунин афзун гардондани обрӯю эътибори мамлакат дар арсаи байналхалқӣ беандоза аст. Солҳои охир аз байни ҷавонони ноҳияи Бухоро низ даҳҳо чемпионҳои Ӯзбекистону Осиё, аъзоёни командаҳои яккачини мамлакат ба воя расиданд.***

Ба ин комёбӣ саҳми мактаб-интернати давлатии ба намудҳои варзиши миллӣ ва олимпия ихтисосонидашудаи ноҳия саҳми арзанда дорад. Норасоии варзишгоҳ шогирдони мактабро маҷбур месохт, ки аз толорҳои спорти дигарон истифода баранд. Моҳҳои охир аз ҳисоби буҷаи давлатӣ ҷудо гардидани 5 миллиарду 400 миллион сӯм маблағ имконият дод, ки варзишгоҳи маркази ноҳия табъи дил таъмири пурра ёбад. Ин ҷараёнро бунёдкорони корхонаи пудратӣ – ҷамъияти масъулияташ маҳдуди «Замона монтаж-таъмирлаш қурилиш» сарбаландона ба сомон расонданд. Дар маҷмӯи спортӣ сохта шудани толори варзиш ба андозаи 12 Х 24 метр бошад, на фақат варзишгарону мураббиёнро, балки падару модарони хонандагонро низ беҳад шод кард.

Ба қарибӣ маросими тантанавии кушодашавии варзишгоҳи марказӣ ба амал омад. Дар он сардори садорати Вазорати сиёсати ҷавонон ва варзиши мамлакат Фарҳод Турдиев, ҳокими ноҳия Ҳалимҷон Сафаров, ҷонишини раиси Федератсияи дзюдои Ӯзбекистон Шӯҳрат Очилов ва дигарон иштирок карданд. Баромадкунандагон шароитҳои қулайи аз тарафи давлат барои аҳолӣ, хусусан ҷавонон фароҳам овардашударо таъкид намуда, аҳли ноҳияро бо дастрасшавии имкониятҳои нави обутобёбӣ муборакбод намуданд.

**Амрулло АВЕЗОВ,**
**хабарнигори**
**«Овози тоҷик»**
**дар вилояти Бухоро.**

*Муқаддас Аллабергановаи қароқалпоқистонӣ зани фаъола ва ҳамнафаси замон буда, дар овули Қиличбойи ноҳияи Амударё истиқомат мекунад. Вай дар мактаби таълими умумии рақами 83-юми овул аз фанҳои забони ӯзбекӣ ва қароқалпоқӣ дарс медиҳад.*

*Ғайр аз ин, дар вақтҳои холиаш ба бофандагию дӯзандагӣ машғул аст. Аз пайи ҳунари худ даромади калон меёбад. Ба ҷавонон ҳунар ёд дода, анъанаҳои «устод-шогирд»-ро давом медиҳад.*

*Зани одии деҳа мунтазам мутолиа месозад, дониш ва малакаи касбиашро такмил медиҳад. Дар китобхонаи шахсии Муҳаббатапа бештар аз 2000 дона адабиётҳои бадеиву илмӣ мавҷуд.*

***Дар сурат: М. Аллаберганова** бо шогирд ва ҳаммаҳаллагони худ.*

***Суратгир: М. ҲАБИБУЛЛОЕВ (ЎзА).***



# ФАРЗАНД АЗИЗ, ОДОБАШ ...

***Мувофиқи нақша дар мактаби рақами 30-юми ноҳияи Нуратои вилояти Навоӣ маҷлиси умумии падару модарони хонандагон баргузор гардид.***

Ҷонишини директор оид ба корҳои тарбиявӣ Дилмурод Қӯзиев ҳозиринро бо натиҷа ва дастовардҳои хонандагон дар соли хониши 2022-2023 шинос намуда, изҳор намуд, ки хатмкардагони мактаб сад андар сад ба донишгоҳҳои олии Ӯзбекистон дохил шуданд.

Сипас, роҳбарони синф доири рафти корҳои таълиму тарбия, таъмини хонандагон бо китобҳои таълимӣ ҳисоботи мухтасар доданд.

Зимни муҳокимаи вазифаҳои соли нави хониш падару модарон хеле фаъол буданд. Онҳо аз дастовардҳои соҳаи таълим дар соли пешин қаноатмандии худро изҳор намуда, оиди кори тарбиявӣ нигаронии худро зикр намуданд.

Мӯйсафеди нуронӣ Расул Турсунов, ки чор нафар наберааш дар мактаб таҳсил доранд, андешаҳои худро изҳор намуд:

– Мо ҳам дар мактаб таҳсил намудаем. Аз Зиҳноку Сойкалон омада дарс мехондем. Ҳар рӯз тақрибан 28-30 км роҳро пиёда тай мекардем. Аз дарсҳо ақиб намемондем. Китобу рӯзнома мехондем. Он солҳо шароит ва имконоти мактабҳо аз вазъияти имрӯзаи мактабҳо куллан фарқ дошт. Бубинед, мактаб бо технологияи иттилоотии замон, хонандагон бо китобҳои таълимӣ ройгон таъмин мебошанд. Вале одобу рафтори баъзе хонандагон созгори замон нест. Дар гӯш гӯшаки мобилӣ ҳатто садои мошини роҳгузарро намешунаванд. Ё худ садои гӯшакро баланд намуда, ба кадом забоне суруд гӯш мекунанд. Аз гӯшаки мобилӣ эҳтиёт бояд шуд.

– Китобҳои бадеӣ дар китобхонаи мактаб кам буда, бо вуҷуди ин китобхонӣ боз ҳам камтар гардидааст, – гуфт омӯзгори собиқадор Суяркул Ҳайдаров. – Китоб ганҷи маърифат аст, агар китобу рӯзнома нахонем, дунёи маънавии худро ба кадом роҳ пур мекунем? Обуна маҷбурӣ нест, вале ин чунин маъно надорад, ки мо аз он ганҷи маънавӣ бебаҳра бимонем. Расонаҳои даврӣ воситаҳое мебошанд, ки ҷаҳони маънавии моро ғанӣ, ҷаҳонбиниро васеъ, барои бо замон ҳамнафас будан кумак мерасонад, забонро равону беолоиш мегардонад. Ҳатто забони баъзе омӯзгорон дилро мехарошад. Ин ҳама аз нахондани китобу рӯзнома аст.

Сад шукр, дар кишвар ба забони мо маҷаллаи «Дурдонаи Шарқ», рӯзномаҳои «Овози тоҷик», «Ховар» табъу нашр меёбанд. Ба онҳо бояд обуна шуда, забон ва маънавияти хешро ғанӣ гардонем. Дастовардҳои таълимӣ бад нест, вале бо холигии маънавӣ пешравӣ намешавад.

«Фарзанд азиз аст, одобаш аз он азизтар», – ҳикмати халқиро ёдовар шуд модари ҷавон Гулноз Раҳимова. – Бешубҳа, имрӯз на танҳо дар деҳаи мо, балки дар ҷомеа одобу рафтори баъзе ҷавонон халалдор гардидааст. Ин ҳолат аз беназоратии фарзандон аз ҷониби волидон рух додааст. Намедонем, фарзанди мо дар куҷо, бо кӣ мегардад, ё бозӣ дорад. Намедонем ӯ бо чӣ кор машғул аст. Намедонем аз кадом шабакаҳои интернетӣ «фоида» мебарад. Дар вазъи кунунии ҷаҳонишавӣ назоратро бояд пурқувват намуд.

**Ӯзбакбойи РАҲМОН,**
**хабарнигори**
**«Овози тоҷик».**
*Вилояти НАВОӢ.*

*Арзи сипос*

# ПОСБОНОНИ СИҲҲАТИИ МО

Ман зодаи деҳаи Кӯшкаки ноҳияи Бойсун мебошам. Дар собиқа омӯзгор будам, ба фарзандони мардум аз фанни забон ва адабиёти тоҷик дарс дода, аз нони ҳалоли омӯзгорӣ устухони фарзандони худро сахт кардаам. Кайҳо айёми шабоби умр гузаштаву пирии ногузир пеш омадааст. Сиҳҳатии тан ҳам чун пешина нест, сад иллат дорад! Ба қавле пирӣ худ бемории бедавост. Мутаассифона, инсон вақте ба қадри саломатии бехалал мерасад, ки онро аллакай ба кадом сабабе аз даст додааст. Оре, ҳангоми саломат будан ба қадри неъматҳои худовандӣ, аз ҷумла пойи раво, чашми бино, гӯши шунаво, хуллас муназзам кор кардани ҳар як узви бадани худ намерасидааст. Шояд беҳуда нест, ки дар урфият одамро «шири хомхӯрда» меноманд.

Ман ҳоло 73 сол дорам. Азбаски чун ҳамаи сокинони деҳ ба кори замину чорво дилбастагӣ доштам, пайваста меҳнат мекардам, то зиндагии оила аз норасоиҳо орӣ бошад. Бидуни шубҳа, аз пайи меҳнати ҳалол тахия намудани нони аҳли хонадон ба кас сурур мебахшад. Аз сиҳҳатии тан асло шикоят надоштам. Вале чун умри кас ба нишеб рафт, тан аз пӯлод бошад ҳам, осори рахнаҳо падид омада, касро ба бистар мехкӯб мекардаанд. Ман ҳам аввал аз дарди миён ранҷ кашида, инро натиҷаи заъфи пирӣ шумурдам ва ба сиҳҳатии худ бепарво шудам. Дар натиҷа солҳои охир ба дарозо бистарӣ гашта, аз ду пойи равон маҳрум мондам. Вақте дард аз ҷавшани ҷон гузашт, ночор ба Тошканд, назди беморони маъруф рафтам. Аслан маро ба замбараке бор карда оварданд. Ҳамин таъбири «замбарак» кофист, ки ҳолати он айёми маро бозгӯ кунад. Дар шуъбаи ҷарроҳии Маркази миллии реабилитатсия ва протезонидани маълулон, ки дар ноҳияи Мирзо Улуғбеки пойтахт воқеъ шудааст, табобат гирифтам. Шуъбаи ҷарроҳии он дар бинои дуюм ҷой дошта, онро «Бахши ҳисоби хоҷагӣ» меноманд. Доктори улуми тиб, вертебролог, травматолог ва ортопед Алишер Сатторов сарвари он мебошад. Таҳти сарпарастӣ ва роҳнамоии ӯ зиёда аз 30 мутахассиси варзида дар шуъбаи мазкур кору фаъолият доранд. Мутахассисони ин даргоҳ пас аз натиҷаи ташхиси ҳамаҷониба ба хулосае омаданд, ки дар ду пайвандаки сутунмуҳраи қарибии устухони кос зарофати ҳаҷман калоне (чурра) пайдо шудааст ва агар ҷарроҳӣ нашавад, дар зудтарин фурсат пойҳоям аз фаъолият мемонанд.

Шифокори ин даргоҳ Ӯлмас Латипов амалиёти ҷарроҳии пайвандаки сутунмуҳраи маро ба сомон расонид ва ман ба шарофати ин табиби ҳозиқ зуд аз дардҳои шадид фориғ гаштам. Ӯ аз шогирдони беҳтарини Алишер Сатторов буда, таҳти раҳбарии вай рисолаи номзадии худро омода месозад. Дар ин бемористон даҳҳо нафар маризонро вохӯрдам, ки аз гӯшаву канори гуногуни ҷумҳуриамон омадаанд ва мисли ман аз дарди сутунмуҳра азият мекашанд...

Ин ҷо мехоҳам чанд сухан аз хусуси сардухтур иброз дорам. Алишер Сатторов дар Самарқанди бостонӣ соли 1956 таваллуд шудааст. Солҳои 1975-1981 дар Донишкадаи давлатии тиббии шаҳр таҳсил карда, ба шаҳри Қаршӣ фиристода мешавад ва дар шифохонаи рақами 1-уми ин шаҳр кор мекунад. Орзуи ҳарчи бештар андӯхтани илм ӯро ба шаҳри Тошканд овард, як муддат машғули корҳои илмӣ гардид. Соли 1990 рисолаи илмии худро ҳимоя кард ва соҳиби унвони номзади илмҳои тиб гардид. Дере нагузашта рисолаи доктории низ омода намуда, дар ҳузури мутахассисони беҳтарини соҳаи тибби шаҳри Харкови Ҷумҳурии Украина дифоъ кард. Алишер Сатторов алҳол дар бахши сутунмуҳра ва маризиҳои он аз табибони камназире дар миқёси Ӯзбекистон аст. Ӯро дар берун аз диёри мо ҳам мешиносанд ва эҳтиром менамоянд.

Номбурда соли 2012 ба узвияти Иттиҳодияи байналхалқии ҷарроҳони кишвари Швейтсария пазируфта шуда, барои мубодилаи таҷриба ба кишварҳои Ҷопон, Италия, Куриёи Ҷанубӣ, Олмон ва ғайра сафари хидматӣ анҷом додааст.

Пас аз амалиёти ҷарроҳӣ ман ҳам шифо ёфта, бо пойи худ ба хона баргаштам. Барои ин аз Алишер Сатторов ва шогирдони ӯ, ба хусус Ӯлмас Латипов зиёда сипосгузорам, барояшон аз даргоҳи илоҳӣ тавфиқ металабам.

**Абдумӯмин ҲАКИМОВ,**
**сокини деҳаи Кӯшкаки**
**ноҳияи Бойсун.**
*Вилояти СУРХОНДАРЁ.*

Овози тоҷик
МУАССИСЛАР:
Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши,
Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ўзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
Тожик тилида нашр этилади.

Сармуҳаррир
Шерпӯлод ВАКИЛОВ
Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.
*Рӯзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.*

*Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.*

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ўзбекистон таҳти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.
ISSN 2010-7757
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-925.
Адади нашр 4545. Ҳаҷм 2 чузъи чопӣ.
Усули нашр – офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6

Муҳаррири навбатдор: М. Шодиев.
Саҳифабанд-дизайнер: Х. Тӯхтаева.
Мувофиқи ҷадвал — 21.30
Ба чоп супурда шуд — 21.40

Нишонии мо:
100000 ш.Тошканд, кӯчаи Матбуотчилар, 32.
Телефонҳо: қабулгоҳ : 233 - 82 - 83; Котибот 233 - 83 - 35. Факс: 233-57-30.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ».
Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.